«ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ»
Усмонзода У.Ю.
Муовини Сарвазири
Ҷумҳурии Тоҷикистон
30 марти соли 2024

# НАҚШАИ
# АМАЛ ОИД БА СОЛИМГАРДОНИИ ВАЗЪИ МОЛИЯВИИ СОҲАИ ЭЛЕКТРОЭНЕРГЕТИКА БАРОИ СОЛҲОИ 2019-2031

## I. МУҚАДДИМА ВА ВАЗИФАҲО

Ҳадафҳои «Нақшаи амал оид ба солимгардонии вазъи молиявии ҶСК «Барқи Тоҷик» барои солҳои 2019-2025» манзури тадбирҳои сиёсӣ барои баланд бардоштани самаранокии молиявӣ, техникӣ ва амалиётӣ мебошад, ки давраи аз соли 2019 то 2025-ро бобати таъмини вазъи устувори молиявии ҶСК «Барқи Тоҷик» ва имконияти ба даст овардани даромад барои пӯшонидани тамоми хароҷоти аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснокшударо вобаста ба таъмини неруи барқ дар бар мегирад. Нақшаи амал аз ҷониби муовини Сарвазири кишвар, муҳтарам Азим Иброҳим санаи 15 апрели соли 2019 қабул шудааст. Ҳуҷҷати мазкур санаи 18 ноябри соли 2022 бо дар назар доштани таъсири омилҳои зерин ба соҳаи элеткроэнергетика таҷдиди назар карда шуда буд.

а. Оқибатҳои ичтимоиву иқтисодии COVID-19, ки ба вазъи иқтисодии ҷаҳон ва ҳамзамон ба иқтисодиёти Тоҷикистон ва даромади аҳолӣ таъсири манфӣ расонид;

б. Тақсим гардидани ҶСК «Барқи Тоҷик» ба шабакаҳои алоҳида ва аз ҷиҳати ҳуқуқӣ мустақили самти истеҳсоли энергияи барқ – ҶСК «Барқи Тоҷик», интиқоли барқ – ҶСК «Шабакаҳои интиқоли барқ» (ШИБ) ва тақсимоти барқ – ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» (ШТБ). Ширкатҳо аз моҳи марти соли 2022 аз лиҳози ҳуқуқӣ мустақил гардиданд;

в. Таъсири манфии таҳримҳои иқтисодӣ нисбат ба шарикони стратегии кишвар.

Ҳадафҳои санади мазкур – «Нақшаи амал оид ба солимгардонии вазъи молиявии соҳаи электроэнергетика барои солҳои 2019-2031» (минбаъд нашри дуюми Нақшаи амал) ҶСК «Барқи Тоҷик» ин иқдоми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди суръат бахшидан ба ҷараён ва ё кутоҳ намудани давраи гузариш барои расидан ба сатҳи ҷуброни хароҷот дар соҳаи электроэнергетика аз соли 2031 то 2027 ба ҳисоб меравад. Ин суръатбахшӣ барои маблағгузории аз ҷиҳати макрофискалӣ устувор барои НБО Роғун

сурат мегирад, ки дар он бунёди энергетикаи аз лиҳози молиявӣ устувор яке аз омилҳои муҳим, муваффақ ва устувории молиявии НБО Роғун мебошад. Суръатбахшӣ тавассути афзоиши сатҳи тарифҳо, кам кардани талафот, афзоиши ҷамъоварӣ, кам намудани хароҷотҳои соҳа (хусусан хароҷоти дуюмдараҷа ва аз лиҳози иқтисодӣ камсамара) ва дигар амалҳои дар ин ҳуҷҷат пешниҳодшуда ба даст оварда хоҳад шуд.

## II. МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ВАЗЪИ МОЛИЯВИИ СОҲАИ ЭЛЕКТРОЭНЕРГЕТИКА

Вазъи молиявии соҳаи электроэнергетика ба: (а) тарифҳои аз сатҳи ҷуброни хароҷот паст; (б) сатҳи ноустувор ва афзоишёбандаи қарз; (в) ҷамъоварии маблағ аз рӯи ҳисобҳои барқ; (г) самараи пасти амалиётӣ, ба монанди сатҳи баланди талафоти нерӯи барқ; (д) иқтидори маҳдуд барои содироти неруи барқ; ва (е) беқурбшавии асъори миллӣ нисбат ба асъори асосӣ, ки тавассути онҳо қарзҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддати ҶСК «Барқи Тоҷик» ифода шудаанд ва ҳамзамон молу таҷҳизоте, ки (аз ҷумла қисмҳои эҳтиётӣ) зимни корҳои таъмири асосии иншооти энергетикӣ харидорӣ мегарданд, алоқамандӣ дорад. Ин боиси ба таври назаррас бад шудани вазъи молиявии хариди ҷамъияти энергетикӣ ва норасоии ҷиддии гардиши пули нақд гардидааст. То охири соли 2019 касри пулии ҶСК «Барқи Тоҷик» барои пурра пӯшонидани хароҷоти зарурии истифода ва нигоҳдорӣ, арзиши неруи барқи аз истеҳсолкунандагони мустақил харидоришуда, хароҷоти музди меҳнат, пардохти қарз ва хароҷоти марбут ба андозбандӣ дар ҳаҷми 12,8 миллиард сомонӣ ҳисоб карда шудааст. Инчунин, ширкат аз сармоягузории худ ягон фоида ба даст намеорад. Касри пули нақд ҳамчун фарқияти байни фурӯши пули нақд ва хароҷоти ҳисобшуда вобаста ба фаъолияти асосии хоҷагидорӣ: арзиши неруи барқ аз истеҳсолкунандагони мустақили неруи барқ, хароҷоти амалиётӣ ва истифодабарӣ, уҳдадориҳое, ки ба пардохти бақияи маблағи асосии қарз алоқамандӣ доранд, пардохти фоизҳо, қарзҳои ҷамъшуда назди истеҳсолкунандагони мустақили неруи барқ ва андозҳо алоқамандӣ дорад, ҳисобӣ карда шудааст.

## III. ТАДБИРҲО ОИД БА БЕҲТАР НАМУДАНИ ВАЗЪИ МОЛИЯВИИ СОҲАИ ЭЛЕКТРОЭНЕРГЕТИКА

Аз соли 2017 инҷониб, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати беҳтар намудани вазъи молиявии ҶСК «Барқи Тоҷик» тибқи талаботи Нақшаи чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани самаранокии молиявии ҶСК «Барқи Тоҷик» (аз 4 апрели соли 2017) як қатор тадбирҳоро амалӣ намудааст.

• Бо мақсади расидан ба сатҳи ҷуброни хароҷот дар соҳаи электроэнергетика, Ҳукумат сохтори тарифҳои истифодабарандагони ниҳоиро бозбинӣ намуда, фарқиятҳои назаррасро дар байни гурӯҳҳои

гуногуни истифодабарандагони ниҳоии неруи барқ, ки дар як сатҳи шиддат неруи барқ мегиранд, бартараф намуд.

• Ҳукумат тарифи миёнавазниро дар тӯли солҳои 2017-2019 дар маҷмӯъ 27 фоиз боло бурд.

• Ҳукумат методологияи нави ҳисоб кардани тарифҳои неруи барқро қабул намуд.

• Ҳукумат раванди таҷдиди сохтори ҳуқуқии ҶСК «Барқи Тоҷик»-ро ба ширкатҳои алоҳида ва аз лиҳози ҳуқуқӣ мустақили истеҳсол, интиқол ва тақсимот – ҶСК «Барқи Тоҷик», ҶСК «Шабакаҳои интиқоли барқ» ва ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» анҷом дод. Айни замон, марҳилаи ниҳоии тақсими дороиҳо ҷараён дорад ва ширкатҳо барои анҷом додани сохтори нави шартномабандӣ барои хизматрасониҳои худ фаъолият намуда истодаанд.

• Ҳукумат унсурҳои таҷрибаи пешқадами принсипҳои идоракунии корпоративиро дар ширкатҳо тавассути таъсиси шӯроҳои нозирон, ки аз аъзои касбӣ ва кумитаҳои махсус, ба мисли Кумитаи аудит иборатанд, ҷорӣ намуд.

• Ҳукумат бақияи маблағи асосии қарз ва фоизҳои ҳисобшудае, ки бояд аз ҷониби ҶСК «Барқи Тоҷик» ба Вазорати молия пардохт мешуданд, аз рӯи ҳамаи қарзҳо тибқи Созишномаҳои иловагии дахлдор, ки онҳо аз Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун грант гирифта шуда буданд, вале ба ҶСК «Барқи Тоҷик» ҳамчун қарз дода шуда буданд, ҳамчун саҳми худ ба сармояи оинномавии ҶСК «Барқи Тоҷик» ворид намуд. Ин маблағи 4,9 миллиард сомонӣ қарзи дарозмуддати ҶСК «Барқи Тоҷик»-ро коҳиш дод.

• Ҳукумат Созишномаҳои иловагии дахлдорро, ки онҳо аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шарикони рушд ҳамчун қарз гирифта шуда буданд ва ба ҶСК «Барқи Тоҷик» ҳамчун қарз бо фоизҳои баланд дода шуда буданд, бозбинӣ намуда, фарқияти фоизҳо ва маблағи ҷаримаҳои татбиқшударо кам намуд ва ҳамчун саҳми худ ба сармояи оинномавии ҶСК «Барқи Тоҷик» ворид намуд. Ин маблағи 8,5 миллиард сомонӣ қарзи дарозмуддати ҶСК «Барқи Тоҷик»-ро коҳиш дод.

• Ҳукумат Низомномаи суратҳисоби махсуси (Escrow account) соҳаи электроэнергетикаро, ки барои ҷамъоварӣ ва тақсими даромадҳои бадастомада аз фурӯши неруи барқ дар дохили кишвар истифода мешаванд ва Шӯрои нозиронро, ки ин суратҳисобро идора мекунад, тасдиқ намуд. Таҷрибаи андухташуда дар тӯли фаъолияти яксолаи суратҳисоби махсус нишон дод, ки фаъолияти суратҳисоб ба бозбинӣ ва такмил ниёз дорад.

• ҶСК «Барқи Тоҷик» моҳи декабри соли 2019 ва моҳи марти соли 2023 ба таҷдиди созишномаҳои қарзӣ ва паст гардидани меъёри қарзҳои ҶСК «Ориёнбонк» ноил гардид, ки ин боиси коҳиши меъёри фоиз гардид.

• ҶСК «Барқи Тоҷик» бо дастгирии Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд, Бонки Аврупоии Сармоягузорӣ ва Иттиҳоди Аврупо лоиҳаи низоми назорат ва ҳисоби нерӯи барқро дар шаҳри Хуҷанд бо муваффақият амалӣ намуд.

Лоиҳа барқарорсозии қисми шабакаҳои шиддати паст ва татбиқи (таҳвил ва насб) инфрасохтори пешрафтаи ҳисобкуниро барои муштариёни дар ҳама сатҳҳои шиддат дар бар мегирад. Маркази назорати ҳисобкунакҳо барои таъмини назорати дурусти фаъолият, таъминоти барномавии идораи маълумотҳои ҳисобкунакҳо барои ошкор кардани дуздӣ ва дигар ҳолатҳои ғайримуқаррарии истифодаи неруи барқ таъсис дода шуд. Сатҳи миёнаи ҷамъоварӣ аз 83 фоизи соли 2015 то 100 фоиз дар соли 2023, афзоиш ёфт. Бо натиҷаҳои татбиқи низоми назорат ва ҳисоби нерӯи барқ дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе сатҳи миёнаи ҷамъоварӣ аз 85 фоизи соли 2020 то 100 фоиз дар соли 2023, афзоиш ёфт. Инчунин, бо татбиқ намудани низоми назорат ва баҳисобгирии неруи барқ дар сатҳи шиддати 500/220/110 кВ ба ҶСК «Шабакаҳои интиқоли барқ» муаяссар шуд, ки талафотро аз 6,6 % соли 2020 ба 3,4 % дар соли 2023 коҳиш диҳад.

• ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» васеъсозии барномаи шабеҳро бо фарогирии ҳашт шаҳри калони ҷумҳурӣ (зиёда аз 621 ҳазор ҳисобкунаки барқӣ ё 41 %-и муштариёни ҷамъият) идома дода истодааст, ки ин тақрибан 60% истифодаи умумии неруи барқи кишварро ташкил медиҳанд. Шартнома бо таъминкунандаи таҷҳизот ва системаи биллингӣ моҳи июли соли 2022 ба имзо расида, низоми нав то моҳи июли соли 2025 мавриди истифода қарор дода хоҳад шуд.

• Барои идоракунии ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» ширкати байналмилалиро ҷалб намуда, 5 соли оянда идоракунии ин ҷамъият (идоракунии беруна) аз ҷониби ин ширкат (оғоз аз соли 2022) роҳандозӣ хоҳад гардид.

• ҶСК «Барқи Тоҷик» ҷадвали пардохтҳоро аз рӯи ҳисобҳои истеҳсолкунандагони мустақили неруи барқ – нерӯгоҳҳои барқи обии Сангтӯда-1 барои солҳои 2020-2023 мувофиқа намуд. Ин ҷадвал пардохти ҳудуди 300 – 330 миллион сомонӣ маблағро ба нерӯгоҳи "Сангтӯда-1" -ро дар назар доранд. Ин маблағҳо аз ӯҳдадориҳои шартномавӣ камтаранд, аммо чунин созишномаҳо дар пешгирии баҳсҳо нақши муҳим хоҳанд бозид. Гузашта аз ин, Ҳукумат дар мавриди коҳиши эҳтимолии сарбории молии ҶСК «Барқи Тоҷик» бо ин ниҳод ва ҳамзамон ширкати эронии «Сангоб», ки бунёдгар ва истифодабарандаи нерӯгоҳи барқи обии Сангтуда-2 мебошад, гуфтушунидро ба роҳ мондааст.

• Давоми солҳои 2019-2022 бо дастгирии Ҳукумат, ҶСК «Барқи Тоҷик» инчунин қарзи кредиториашро ба НБО «Сангтӯда-1» бар ивази аз эътибор соқит намудани қарзҳои андозиаш, ки аз ҷониби Ҳукумат вобаста ба ӯҳдадориҳои андозии муҳлаташон гузаштаи Сангтӯда-1 дода шуда буд, дар ҳаҷми 479,4 миллион сомонӣ кам намуд.

• ҶСК «Барқи Тоҷик» таҷдиди се дороии асосии тавлиди неруи барқро, ки дар таъмини боэътимод ва кофии неруи барқ ба истеъмолкунандагон нақши муҳим доранд, идома дода истодааст. Ба ин лоиҳаҳо таҷдиди нерӯгоҳҳои барқи обии Сарбанд, Қайроққум ва Норак дохил мешаванд.

Лоиҳаҳо бо дастгирии молиявии шарикони рушд амалӣ мешаванд. Пас аз ба итмом расидан, онҳо ба нигоҳдорӣ ва ҳатто афзоиши иқтидори тавлиди неругоҳҳои асосӣ кӯмак хоҳанд кард. Ҳукумат, инчунин ба таҳияи асосноккунии техникӣ-иқтисодии таҷдиди неругоҳи Бойғозӣ шурӯъ намудааст, ки дар сурати бомуваффақият ба анҷом расидани он, то соли 2030 бояд тамоми неругоҳҳои асосӣ таҷдид карда шаванд.

- ҶСК «Шабакаҳои интиқоли барқ» бо истифода аз захираҳои худ нақшаи таҷдид ва навсозии манбаъҳои асосии интиқол ва тақсимотро барои солҳои 2019-2030 таҳия намудааст. Нақша хароҷоти асосии афзалиятнокро вобаста ба афзоиши сарборӣ дар қисмати хизматрасонӣ ва ҳолати дороиҳо муайян менамояд.

## IV. ЧОРАБИНИҲОИ КАЛИДИИ НАҚШАИ АМАЛ ОИД БА СОЛИМГАРДОНИИ ВАЗЪИ МОЛИЯВИИ БАХШИ ЭЛЕКТРОЭНЕРГЕТИКА

Барои амалӣ намудани тадбирҳои асосии зерин оид ба таъмини устувории молиявии соҳаи энергетика, мақомоти дахлдори давлатӣ – ҶСК «Барқи Тоҷик», ҶСК «Шабакаҳои интиқоли барқ» ва ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» масъуланд.

# ҶАДВАЛИ 1 – ЧОРАБИНИҲОИ КАЛИДӢ

| № | Чорабиниҳо | Масъулин | Муҳлатҳо | Натиҷаҳо |
|---|---|---|---|---|
| **Чорабиниҳои сатҳи сиёсӣ** | | | | |
| 1. | Тасдиқи методологияи нави ҳисоби тарифҳои нерӯи барқ, ки имконияти пӯшонидани тамоми хароҷотҳои аз лиҳози иқтисодиро муҳайё менамояд | Хадамоти зиддиинҳисорӣ, ВЭЗО, ВРИС, ВМ, ВА, ҶСК «Барқи Тоҷик» | Соли 2019 | Иҷро шудааст |
| 2. | Таъсис/таъин намудани танзимгари энергетикӣ ва кафолат додани он, ки вай иқтидори аз нав дида баромадан ва тасдиқи тарифҳоро мутобиқи методологияи нав доро мебошад | Хадамоти зиддиинҳисорӣ, ВЭЗО | Соли 2019 | Дар сохтори Хадамоти зиддиинҳисорӣ шуъбаи танзими энергияи барқ таъсис дода шуда, вазифаҳои бознигарии тарифҳо ва тавсияҳои қарори Хукуматро нисбати тарифҳо мувофиқи методологияи нави тарифи нерӯи барқ ба дӯш гирифт |
| 3. | То моҳи марти соли 2024 аз сохтори ҶСК «Барқи Тоҷик» ба сохтори ҶСК «Шабакаҳои интиқоли барқ» гузаронидани Хадамоти диспетчерӣ ва то соли 2027 таъсис додани Оператори системавӣ ба ҳайси ниҳоди мустақил. | ВЭЗО, ҶСК «Барқи Тоҷик», ҶСК «Шабакаҳои интиқоли барқ» | 2024-2027 | Шаффофият дар муносибатҳо таъмин гардид |
| 4. | Татбиқи методологияи нави ҳисоби тарифҳои неруи барқ. Ба ин ҳисоб кардани тарифҳои истеҳсол, интиқол, тақсимот ва дигар хизматрасониҳо, инчунин тарифҳои истеъмолкунанда мувофиқи талаботи методологияи нав дохил мешаванд. | Хадамоти зиддиинҳисорӣ, ВЭЗО, ҶСК «Барқи Тоҷик», ҶСК «Шабакаҳои интиқоли барқ», | Мунтазам | Истифодаи методологияи ҳисоби тарифҳо |

| № | Чорабиниҳо | Масъулин | Мухлатҳо | Натиҷаҳо |
|---|---|---|---|---|
| | | ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» | | |
| 5. | Мутобиқсозии минбаъдаи сохтори тарифҳои истифодабарандагони ниҳоӣ барои гурӯҳҳои гуногуни истеъмолкунандагон ҷиҳати нишон додани арзиши таъминот барои ҳар як гурӯҳ. | Хадамоти зиддиинҳисорӣ, ВЭЗО, ВМ, ВА, ВРИС, ҶСК «Барқи Тоҷик», ҶСК «Шабакаҳои интиқоли барқ», ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» | Соли 2022 | Дар маҷмуъ иҷро шудааст. Мутобиқатсозии минбаъда дар асоси ҳисобкунии муфассали арзиши хизматрасонии барқ пас аз ба итмом расидани ташаккули маълумоти муфассали молиявӣ дар сатҳи ҳар як ширкат анҷом дода мешавад |
| 6. | Тарифҳои миёна то соли 2027 мувофиқи траекторияе, ки дар Ҳуҷҷати таҷдиди назаршудаи тарифии нерӯи барқ (ҲТНБ) муқаррар шудааст, барои ноил шудан ба сатҳи ҷуброни хароҷот боло бурда мешаванд. Ҳуҷҷати тарифҳои нерӯи барқ дар соли 2024 тавассути маблағгузорӣ аз лоиҳаи Кӯмаки техникӣ барои омодасозии лоиҳаи НБО Роғун бозбинӣ карда мешавад. | ВЭЗО, ВРИС, ВМ, Хадамоти зиддиинҳисорӣ ҶСК «Барқи Тоҷик», ҶСК «Шабакаҳои интиқоли барқ», ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» | Солҳои 2019 – 2025 ва мунтазам давоми давраи минбаъда | Афзоиши даромаднокии соҳаи электроэнергетика аз фурӯши неруи барқ ба истифодабарандагони ниҳоӣ |
| **Тадбирҳои молиявӣ** | | | | |
| 7. | Кам кардани қарзи дебиторӣ аз фурӯши ҷорӣ аз 94 рӯзи соли 2019 то 45 рӯз то соли 2024. | ҶСК «Барқи Тоҷик», ҶСК «Шабакаҳои интиқоли барқ», ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» | Солҳои 2019-2024. | Коҳиш додани мӯҳлати байни пешниҳоди ҳисоб барои истифодаи неруи барқ ва гирифтани маблағ ба гардиши пули нақд таъсири мусбат |

| № | Чорабиниҳо | Масъулин | Мухлатҳо | Натиҷаҳо |
|---|---|---|---|---|
| | | | | мерасонад ва гардиши пули нақдро метезонад. |
| 8. | Баррасӣ намудани масъалаи аз эътибор соқит намудани қарзҳои беэътимоди ҶСК «Барқи Тоҷик» дар назди шахсони сеюм ва қарзҳои беэътимоди ширкатҳои муфлисшуда ва ширкатҳои барҳамхӯрда | Хадамоти зиддиинҳисорӣ ҶСК «Барқи Тоҷик» ва ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» | Соли 2024 | Эътимоднокии ҳисоботи молиявӣ афзоиш ёфта, нишондиҳандаҳои молиявии шабакаҳои соҳаи энергетика ба вазъи воқеӣ мувофиқат мекунанд. |
| 9. | Баланд бардоштани самаранокии идоракунии захираҳои молӣ дар корхонаҳои энергетикӣ ва ба роҳ мондани хариди танҳо маводи зарурӣ. | ҶСК «Барқи Тоҷик», ҶСК «Шабакаҳои интиқоли барқ», ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» | Солҳои 2019 – 2027 | Коҳиши минбаъдаи захираҳои таҷҳизотҳо барои гардиши пули нақд муфид буда, хароҷоти молиявиро коҳиш медиҳад. Ба ғайр аз ин, ба низоми харид дар соҳаи электроэнергетика таъсири мусбат мерасонад. |
| 10. | Коҳиш додани қарзи пардохтнагардида дар назди истеҳсолкунандагони мустақили неруи барқ ва таъмини иҷрои саривақтии пардохтҳои шартномавӣ | ВЭЗО, ВМ, Хадамоти зиддиинҳисорӣ, ҶСК «Барқи Тоҷик» | Мунтазам ва давоми солҳои 2019 – 2027 | Ин ба кам шудани ухдадориҳои ҷории ширкатхо дар соха кӯмаки худро мерасонад |
| 11. | Пардохти тадриҷии қарзҳои тиҷоратии ҶСК «Ориёнбонк» аз ҳисоби даромади иловагӣ ва сарфаи хароҷоте, ки ҶСК «Барқи Тоҷик» аз татбиқи тадбирҳои пешбининамудаи барномаи мазкур | ҶСК «Барқи Тоҷик» | Солҳои 2022-2025 | ҶСК «Барқи Тоҷик» бо назардошти коҳиши минбаъдаи фоизҳои асъори ИМА дар бозори молиявии Тоҷикистон айни замон бо ҶСК «Ориёнбонк» барои бознигарии меъёри фоизи қарзҳои |

| № | Чорабиниҳо | Масъулин | Муҳлатҳо | Натиҷаҳо |
|---|---|---|---|---|
| | гирифтааст ва ҳамзамон таҷдиди сохтори қарзҳои аз ин бонк гирифташуда | | | тиҷоратии худ гуфтушунид дорад. Бо назардошти коҳиши минбаъдаи фоизҳои асъори ИМА дар бозори молиявии Тоҷикистон айни замон бо ҶСК «Ориёнбонк» барои бознигарии меъёри фоизи қарзҳои тиҷоратии худ гуфтушунидҳоро анҷом дод ва меъёри қарзҳо аз 20 % -и соли 2020 дар моҳи марти соли 2023 ба 14 % паст карда шуданд. |
| 12. | Аз нав дида баромадани созишномаҳои зерқарзӣ, ки байни Вазорати молия ва ҶСК «Барқи Тоҷик» дар доираи лоиҳаҳои гуногуни маблағгузории грантӣ бо дастгирии созмонҳои молиявии байналмилалӣ ё дуҷониба ба имзо расидаанд, бо мақсади инъикоси шартҳои маблағгузории аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодгардида | ВМ, ВРИС, ВЭЗО, ҶСК «Барқи Тоҷик» | Соли 2019 | Ин амал татбиқ гардид ва боиси коҳиши ӯҳдадориҳои пардохтнашуда ва афзоиши гардиши пули нақд дар ҶСК «Барқи Тоҷик» гардид, ки онро метавон ба хароҷоти истеҳсолӣ ва сармоягузорӣ равона кард |
| 13. | Аз нав дида баромадани созишномаҳои зерқарзӣ байни Вазорати молия ва ҶСК «Барқи Тоҷик» дар доираи лоиҳаҳои гуногуни маблағгузории қарзӣ бо дастгирии созмонҳои молиявии байналмилалӣ ё дуҷониба бо мақсади инъикоси шартҳои маблағгузории аз ҷониби Вазорати молия пешниҳодгардида ё | ВМ, ВРИС, ВЭЗО, Хадамоти зиддиинҳисорӣ ҶСК «Барқи Тоҷик» | Солҳои 2020 – 2022 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аллакай шартҳои созишномаҳои зерқарзиро баррасӣ кардааст. Пас аз тасвиби онҳо ӯҳдадориҳои ҷорӣ коҳиш ёфта, мавҷудияти пули нақдро барои ҶСК “Барқи Тоҷик” афзоиш меёбад, ки ин метавонад барои хароҷоти истеҳсолот ва |

| № | Чорабиниҳо | Масъулин | Муҳлатҳо | Натиҷаҳо |
|---|---|---|---|---|
| | шартҳои ибтидоӣ бо иловаи на бештар аз 1%. | | | баргардонидани саривақтии ӯҳдадориҳо истифода шавад. |
| 14. | Аз эътибор соқит намудани қарзҳои ҶСК «Барқи Тоҷик» дар назди Вазорати молия, ки аз ҳисоби ҷаримаҳо барои сари вақт пардохт нашудани қарзи асосӣ ва фоизҳои созишномаҳои зерқарзӣ ба амал омадаанд. | ВМ, ВРИС, ВЭЗО, ҶСК «Барқи Тоҷик» | Соли 2022 | Ин ӯҳдадориҳои ҷории ширкати «Барқи Тоҷик»-ро ба таври назаррас кам намуда, тавозунии онро устувор намояд. Хизматрасонии саривақтии қарзҳо дар оянда аз ҳисоби даромадҳои иловагӣ аз иҷрои чорабиниҳои асосӣ дар доираи ин барнома, аз ҷумла методологияи нави ҳисобкунии тарифҳо таъмин карда мешавад. |
| 15. | Мукаммалсозии минбаъдаи самаранокии хароҷот тавассути мутобиқсозии хароҷот барои татбиқ, арзиши татбиқ, хароҷоти умумӣ ва маъмурӣ | ҶСК «Барқи Тоҷик», ҶСК «Шабакаҳои интиқоли барқ», ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» | Соли 2023 барои дастгирии самаранокӣ дар солҳои минбаъда | Ин имкон медидад, ки хароҷот вобаста ба хариди сӯзишворӣ, хароҷоти истифодабарӣ ва таъмир, хароҷоти умумӣ ва маъмурӣ кам карда шавад. Ин на танҳо аз ҳисоби кам кардани ҳаҷми корҳо, балки тавассути истифодабарии озмуни хариди сӯзишворӣ барои МБГ Душанбе 1 ба даст оварда мешавад |
| **Чорабиниҳои амалиётӣ** | | | | |
| 16. | Баланд бардоштани сатҳи ҷамъоварии маблағҳои неруи барқ барои ноил гардидан ба сатҳи 100 фоиз то соли 2025 | ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» | Соли 2025 | Ин чорабинӣ ба баланд бардоштани даромаднокии ширкатҳои соҳаи электроэнергетика нигаронида шудааст. |

| № | Чорабиниҳо | Масъулин | Муҳлатҳо | Натиҷаҳо |
|---|---|---|---|---|
| 17. | Таъмини пурра ва саривақтии пардохти ҳисобҳо аз ҷониби КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик» барои истифодаи неруи барқ | ВСТН [1], ВРИС, ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик», ҶСК «Шабакаҳои таксимоти барқ» | Мунтазам | Боиси кам шудани норасоии маблағ дар соҳаи электроэнергетика мегардад. |
| 18. | Таъмини пардохт аз ҷониби ташкилотҳои буҷетӣ дар асоси истифодаи воқеии неруи барқ. | ВМ, ВРИС, ҶСК «Шабакаҳои таксимоти барқ» | Мунтазам давоми солҳои 2019 – 2027 | Маблағи қарзи дебитории ширкати энергетикӣ кам шуда, гардиши пули нақд зиёд мешавад. |
| 19. | Ба таври максималӣ баланд бардоштани сатҳи ҷамъоварӣ вобаста ба қарзҳои кӯҳнаи дебиторӣ аз рӯи ҳисобҳои муайянгардида барои истифодаи неруи барқ ва ноил гардидан ба сатҳи минималии қарздории дебиторӣ | ҶСК «Барқи Тоҷик» ва ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» | Мунтазам | Афзоиши даромад ва дороиҳои гардишии корхонаҳои энергетикӣ |
| 20. | Таъмини хариди рақобатпазири таҷҳизот, мавод, сӯзишворӣ, корҳои сохтмонӣ ва хизматрасонҳои машваратие, ки арзишашон аз ҳадди муайяншуда боло мебошанд | ҶСК «Барқи Тоҷик», Хадамоти зиддиинҳисорӣ ҶСК «Шабакаҳои интиқоли барқ», ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» ва Агентии хариди мол, кор ва хизматрасонӣ | Мунтазам | Ин имкон медиҳад, ки нархҳои рақобатпазирро дар ҷараёни харид таъмин намуда, хароҷот нисбатан кам карда шавад |

[1] ВСТН – Вазорати саноат ва технологияхои нав

| № | Чорабиниҳо | Масъулин | Муҳлатҳо | Натиҷаҳо |
|---|---|---|---|---|
| 21. | Ҳисоб ва эътирофи расмии (дар ҳисоботи амалиётӣ ва молиявӣ) талафоти тиҷоратии неруи барқ мутобиқи талаботи созмонҳои молиявии байналмилалӣ | ҶСК «Шабакаҳои интиқоли барқ», ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» ва Хадамоти зиддиинҳисорӣ | Мунтазам | Маблағи воқеӣ ва манбаъҳои асосии талафот муайян карда мешаванд. Ин имкон медиҳад, ки дараҷаи талафоти роҳдодашаванда дар ҳисоби тариф муайян карда шуда, дурустии баҳисобгирии талафоти неруи барқ ва ҳисоботи молиявии ширкатҳо беҳтар карда шавад. |
| 22. | Ҷорӣ намудани хароҷотҳои муҳим ва сармоягузорӣ дар таҷдид ва навсозии дороиҳои асосии интиқол ва тақсимоти неруи барқ | ВЭЗО, ҶСК «Шабакаҳои интиқоли барқ», ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» ва Хадамоти зиддиинҳисорӣ | 2019 – 2027 | Ин боиси кам шудани басомади камбудиҳо ва бекористии муштариён мегардад ва ба кам шудани талафоти техникӣ мусоидат карда, ба ин васила ба сарфаи хароҷот мусоидат мекунад |
| 23. | Тавсеаи инфрасохтори ченкунӣ ва насби ҳисобкунакҳо барои фарогирии марказҳои бузурги истеъмолӣ, ки талафоти тиҷоратии неруи барқро коҳиш медиҳанд | ҶСК «Шабакаҳои интиқоли барқ» ва ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» | Доимӣ дар солҳои 2019 - 2025 | Баланд бардоштани маблағҳои пешниҳодгардида барои истифодаи неруи барқ, кам кардани талафоти неруи барқ ва афзоиши ҷамъоварии даромад. |
| **Тадбирҳои институтсионалии устуворсозӣ ва идоракунии корпоративӣ** | | | | |
| 24. | Омоданамоӣ ва мунтазам нав кардани нақшаҳои сармоягузорӣ ҷиҳати вусъатбахшии истеҳсол, интиқол ва таксимоти энергияи барқ тибқи принсипҳои боэътимоди техникию иқтисодӣ | ВЭЗО, ҶСК «Барқи Тоҷик», ҶСК «Шабакаҳои интиқоли барқ» ва ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» | Соли 2022 ва давоми ҳар 3 соли минбаъда | Ин мавҷудияти сармоягузориҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснокро барои тавлид, интиқол ва тақсими неруи барқ таъмин мекунад. |

| № | Чорабиниҳо | Масъулин | Муҳлатҳо | Натиҷаҳо |
|---|---|---|---|---|
| 25. | Анҷоми таҷдиди сохтори ЉСК «Барқи Тоҷик» ва таъсиси шахсони ҳуқуқии нав бо сохтори солими идоракунии корпоративӣ, ки барои тавлид, интиқол ва тақсими неруи барқ масъуланд | ВЭЗО | Соли 2022 | Қисми асосӣ иҷро гардидааст |
| 26. | Дар сохтори идоракунии ҶСК «Барқи Тоҷик» таъсис додани раёсати дахлдор ба ҳайси Оператори бозор | ҶСК «Барқи Тоҷик» | 2022 | Маҷмуи муносибатҳои молиявӣ байни иштирокчиёни бозори энергетикӣ ва системаи ҳисобҳо танзим мегардад |
| 27. | Интихоби модели бозори фурӯши неруи барқ ва муқаррар намудани заминаҳои ҳуқуқии ба роҳ мондани муносибатҳои корхонаҳои соҳа дар доираи сохтори нав, дар заминаи модели «харидори ягона» дар давраи гузариш | ВЭЗО, ВА, ВМ, ВРИС, ҶСК «Барқи Тоҷик», ҶСК «Шабакаҳои интиқоли барқ» ва ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» | 2022 | Принсипҳои бозори энергетикӣ муайян мегарданд |

## V. ХАРОҶОТИ НАҚШАИ АМАЛ ОИД БА СОЛИМГАРДОНИИ ВАЗЪИ МОЛИЯВИИ БАХШИ ЭЛЕКТРОЭНЕРГЕТИКА

Хароҷоти асосии марбут ба чорабиниҳои пешниҳодшуда оид ба солимгардонии вазъи молиявии ҶСК «Барқи Тоҷик» чунин хароҷотро дар бар мегирад. Ин хароҷотҳо бандҳои хароҷоти асосӣ ё худ хароҷоти калонро дар бар гирифта, маошҳои кормандони ҶСК «Барқи Тоҷик»-ро, ки дар раванди татбиқ иштирок мекунанд ё хароҷоти ночизи амалиётиро дар бар намегиранд. Ин хароҷот танҳо ба хароҷоти таъмир ва навсозии дороиҳои тақсимот ва интиқоли неруи барқ дар ҶСК «Барқи Тоҷик» ва бунёди инфрасохтори ҳисобдорӣ ва ҳисобкунӣ дохил карда шудаанд.

## VI. САРЧАШМАҲОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ НАҚШАИ АМАЛ ОИД БА СОЛИМГАРДОНИИ ВАЗЪИ МОЛИЯВИИ БАХШИЭЛЕКТРОЭНЕРГЕТИКА

Хароҷот аз ҳисоби захираҳои иловагии молиявии ҶСК «Барқи Тоҷик» маблағгузорӣ карда шуда, аз ҳисоби афзоиши даромаднокӣ ва кам кардани хароҷоте, ки аз татбиқи тадбирҳо бармеоянд, инчунин маблағгузории созмонҳои молиявии байналмилалӣ, аз ҷумла Бонки Умумиҷаҳонӣ, Бонки Осиёии Рушд, Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд ва дигар шариконии рушд ба вуҷуд меоянд. Захираҳо аз муассисаҳои молиявии байналмилалӣ дар шакли грантҳо (аз ҷумла маблағи умумӣ дар ҳаҷми 204 млн доллари ИМА дар шакли грантҳои Бонки Умумиҷаҳонӣ дар доираи Лоиҳаи солмгардонии вазъи молиявии ширкати энергетикӣ) ва қарзҳои имтиёзнок пешниҳод карда мешаванд.

## VII. ИДОРАҲОИ МАСЪУЛ ВОБАСТА БА ТАТБИҚИ НАҚШАИ АМАЛ ОИД БА СОЛИМГАРДОНИИ ВАЗЪИ МОЛИЯВИИ БАХШИ ЭЛЕКТРОЭНЕРГЕТИКА

Вазорати энергетика ва захираҳои об, ҶСК «Барқи Тоҷик», ҶСК «Шабакаҳои интиқоли барқ» ва ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» барои татбиқи Барнома масъуланд. Вазифаи умумии ҳамоҳангсозиро барои татбиқ Вазорати энергетика ва захираҳои об иҷро мекунад.

## VIII. НИШОНДИҲАНДАҲОИ НАҚШАИ АМАЛ ОИД БА СОЛИМГАРДОНИИ ВАЗЪИ МОЛИЯВИИ БАХШИ ЭЛЕКТРОЭНЕРГЕТИКА

Иҷрои бомуваффақияти Нақшаи амал, бо истифода аз нишондиҳандаҳои молиявии зерин чен карда мешавад: (а) пур кардани камчиниҳои нақдӣ дар соҳаи электроэнергетика то охири соли 2031; ва (б) кам кардани шумораи солонаи корношоямии таҷҳизот дар зеристгоҳҳои интиқол ва тақсимот аз 2417 адад дар соли 2017 то 1400 адад то охири соли 2027.